Тавзеҳнома
ба лоиҳаи "Тартиби гузаронидани санҷиши
субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ"

Лоиҳаи "Тартиби гузаронидани санҷиши субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ" (минбаъд – Тартиб) дар асоси сархати 2 қисми 5 моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" ва моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи мутақобила" бо мақсади нигоҳ доштани низоми устувори суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии суғурташавандагон, шахсони суғурташуда ва фоидагирандагон таҳия гардидааст.

Тибқи талаботи сархати 2 қисми 5 моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" (бо назардошти тағйиру иловаҳои бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" аз 01 марти соли 2024, №2045 воридгардида) ва моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи мутақобила" назорати риояи қонунгузорӣ дар соҳаи суғурта бо роҳи гузаронидани санҷиши субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ ба роҳ монда мешавад.

Ҷиҳати ба роҳ мондани назорату танзим ва саривақт гузаронидани санҷиши субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ, инчунин мутобиқ гардонидани фаъолияти онҳо ба стандартҳои байналмилалӣ, Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми назорати суғуртавӣ лоиҳаи Тартиби мазкурро бо мақсадҳои зерин таҳия намудааст:

- самаранок ба роҳ мондани масъалаҳои танзиму назорат аз рӯйи фаъолияти субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ;

- ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии суғурташавандагон, шахсони суғурташуда ва фоидагирандагон;

- ташаккул ва нигоҳдории низоми устувори суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- иҷрои талаботи зербанди 2 қисми 5 моддаи 28 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" ва моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи мутақобила".

Тибқи "Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лоиҳаҳои онҳо, арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 июни соли 2014, №355 тасдиқ шудааст, нисбати лоиҳаи мазкур арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсонӣ гузаронида шуда, дар он омилҳои бавуҷудоварандаи хусусияти коррупсионидошта мушоҳида нагардидааст.

Қабули лоиҳаи Тартиби мазкур маблағгузории иловагиро аз буҷети давлатӣ талаб намекунад ва қабули он дар давраи амалисозии ислоҳот дар низоми суғуртаи кишвар ба мақсад мувофиқ мебошад.

Муовини раис Икромӣ С. С.